# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Норова Зарина Исломовна дар мавзуи “Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

1. **Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 3* –Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш); *банди 4.* - Назарияҳо ва консепсияҳои таълим (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воя расидан; фардикунонӣ ва фарқкунии таълим; намудҳо ва моделҳои таълим, ҳудуди татбиқи онҳо; технологияҳои таълимӣ; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ ва методии раванди таълим ва воситаҳои таълим; хусусиятҳои таълим дар сатҳҳои гуногуни таълим); *банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) мувофиқат мекунад.

2. **Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷомеаи мо падидаи нав буда, яке аз муҳимтарин вазифаи имрӯзаи педагогикаи муосир маҳсуб меёбад ва инкишофу пешбурди он дар заминаи адабиёти бадеӣ, махсусан эҷодиёти шифоҳӣ аҳамияти муҳим касб намудааст. Мусаллам аст, ки эҷодиёти шифоҳӣ дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калон дошта, барои инкишофи тафаккур, тахайюл ва ҳиссиёти эстетикии кӯдакон хело ҳам муҳим арзёбӣ мегардад. Махсусан бояд қайд кард, ки таҳқиқи мавзӯи мазкур муҳимтарин ва асоситарин сарчашмаҳо, асарҳои илмии педагогӣ ва психологии ватаниву хориҷӣ, эҷодиёти шифоҳии тоҷик ва махсусан эҷодиёти бачагонаро дар бар гирифта, унвонҷӯ Норова Зарина Исломовна дар амалӣ гардидани ҳадафҳои барномаи мазкур, шаклу усул ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ба воя

расонидани онҳоро дар раванди таълим таҳқиқ намудааст.

Дар ин раванд масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии насли наврасро дар осори илмию методии муҳаққиқони ватанӣ М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, .И. Каримова, Ф. Гулмадов, Л. Иматзода, Х. Раҳимзода, Х. Раҳимов, А. Нуров, Б. Маҷидова, Қ. Абдураҳимов, С. Қодиров, М.Т. Давлатов, Й. Юнусов, Д. Латифов ва дигарон таҳлил намудааст, ки дар ин таҳқиқотҳо ҷанбаҳои рушди тафаккур дар низоми таълим, хаёл, ҷаҳонфаҳмии психологӣ ва дигар самтгирии маънавии кӯдакону хонандагон инъикос ёфтаанд .

Инчунин, ҷанбаҳои гуногуни моҳияти омӯзиши масъалаҳои ҷаҳонфаҳмиро дар педагогикаи рус аз рисолаҳои Н.С. Лейтес, И.Ф. Харламов, В.И. Шинкарук, В.П. Иванов, А.Ф. Бортник, Б.Т. Лихачев ва таҳқиқотҳои олимони тоҷик С. Исоев, М. Ҳасан, С. Ҳалимова, Р. Ҳаётова, Р. Раҳмонов, Д. Обидов, М. Носирҷон, Т. Мустафоқулов, И.М. Маҳмудов, М.Р. Исматуллоев, И. Асоев дида баромадааст.

Масъалаи коркард нагардидани ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагонро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ба асос гирифта, ҷиҳати ҳалли он мавзӯи рисолаи илмӣ “Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ” интихоб гардидаст.

**3. Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо**

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Баррасии мафҳуми “ҷаҳонфаҳмӣ” дар таърихи педагогикаи миллӣ.
2. Муайян намудани хусусиятҳои педагогию психологии инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ.
3. Ошкор намурдани имкониятҳои жанрҳои фолклорӣ барои ташаккули ақидаҳои ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол.
4. Аз нигоҳи наву муосир баррасӣ намудани мақому ҷойгоҳи жанри фолклор дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол, ошкор намудани заминаҳои дохилию берунии рушди фолклор ва саҳму нақши он дар такомули ҷаҳонфаҳмӣ, инкишофи тафаккур ва хаёли кӯдакон.
5. Таҳияи амсилаи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти даҳанакии халқ.

**Падидаи навгонӣ** ва бозёфти илмии рисолаи Норова Зарина Исломовна бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф таҳқиқоти васеътару муфассалро дар мавриди инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ баррасӣ намуда, аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии

мактаббачагони хурдсолро дар муҳити таълим муайян ва пешниҳод, инчунин таснифоти манобеи эҷодиёти шифоҳиро дар самти рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор ва асоснок намудаст. Амсилаи муносиби ҳамкории мутақобилаи оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардидааст.

Аз нигоҳи муҳаққиқ вазифаи асосии муассисаи таълимӣ ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ эътиқод, шуур ва фаъолиятнокии баланди хонандагон мебошад, ки ҳаллу фасли ин вазифаи муҳим тавассути низоми муассисаҳои таълиму тарбия, хонавода ва ҷомеа сурат мегиранд. Масъалаи мазкур дар педагогикаи ватанӣ ба таври васеъ матраҳ гардида бошад ҳам, вале то ҳоло дар сатҳи зарурӣ омӯхтанашуда боқӣ мондааст ва таҳқиқоти алоҳидаи илмии педагогиро дар тарбияи насли наврас тақозо менамояд.

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, интихоби мавзуи интихобнамудаи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи "Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ" мубрам буда, ошкор сохтани самтҳои асосии инкишофи ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсолро дар заминаи эҷодиёти шифоҳи халқ мақсад гузоштаст

4. **Аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

**Аҳамияти назариявии** таҳқиқоти мазкур дар он ба назар мерасад, ки атрофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон ва қонуниятҳои зуҳури инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар илми педагогикаи тоҷик андешаҳои назарии қобили мулоҳиза пешниҳод мегардад. Натиҷагириҳои илмии он барои хулосабарориҳои назарӣ атрофи қонунмандиҳои умумипедагогии ҷаҳонфаҳмӣ дар заминаи адабиёти шифоҳӣ, аз ҷумлаи жанри ҳикояву афсона, шеъру зарбулмасалу мақол, чистону тезгӯяк замима фароҳам сохта, барои муҳаққиқони баъдӣ метавонад ҳамчун замина хидмат намояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Натиҷаи илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд. Илова бар ин, метавон муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни факултаҳои педагогика ва психологияи ҷумҳурӣ тадрис намуд. Муҳаққиқон ва унвонҷӯёни риштаҳои педагогика ва психология метавонанд ҳангоми

таълифи мақола ва рисолаҳои илмӣ аз хулосаҳою натиҷагириҳои дар рисолаи мазкур овардашуда истифода намоянд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, дастури таълимии “Масъалаҳои мантиқӣ ва зеҳнӣ” (2022), “Биё, бо ҳам омӯзем” (2023), “Маҷмуаи масъалаҳо аз фанни математика барои синфҳои 1-4” (2023) коркард гардида, татбиқи он дар амалияи фаъолияти таълимии хонандагон баррасӣ гардидааст.

**5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2017-2023 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ ва конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Норова Зарина Исломовна дар 15 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомилбуда, 3 мақола дар маҷаллаҳои байналмилалӣ ва 4 мақола дар дигар маҷмӯаҳо нашр шудаанд.

**6. Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Рисолаи илмӣ дар ҳаҷми 167 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва руйхати адабиёт (155 номгӯй) иборат буда, дар он 2 диаграмма, 14 ҷадвал, 2 расм истифода шудааст. Рисолаи илмӣ инчунин, хулоса, ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

**Боби якуми рисолаи илмӣ “Асосҳои назарии ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ” номгузорӣ гардида, дар** Фасли якум “**Моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонфаҳмӣ дар низоми таълиму тарбия**”таҳлил гардидаанд. Муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ қайд менамояд, ки сиёсати навини давлатӣ дар

соҳи маориф, махсусан дар тарбияи насли наврас хеле муҳим буда, дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Масъалаи инкишофи ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагон дар низоми таълиму тарбия барои илми педагогика ҳамеша бо талаботе, ки ҷомеа дар назди тарбия мегузорад, пайванди ногусастанӣ дорад. Азҷумла, ба андешаи муҳаққиқ Норова Зарина яке аз вазифаҳои пешбарандаи тарбия фарҳанги шахсият, ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон мебошад. Ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагон раванди дарозмуддат ва гуногунҷабҳа мебошад ва он на танҳо ба сатҳи гуногуни азхудкунии дониш ва сатҳи мувофиқи инкишофи нуқтаи назар, эътиқод ва идеалҳо, балки ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон низ вобаста аст.

Муҳаққиқ бамаврид қайд намудааст, ки ҷаҳонбинӣ рафтору амалҳои одамонро ба низом даровarда, зери таъсири идеологияҳои муайян ташаккул меёбад. Ташаккули ҷаҳонбинӣ вақти муайян надорад ва дар давоми умри инсон ҷараён мегирад. Ҷамъияти инсонӣ ҳар қадаре, ки рушду инкишоф ва тараққӣ кунад, нақши идеология дар ташаккули фаҳму идроки одамон мусоидат мекунад.

Фасли дуюми боби якум “**Шартҳои асосии ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагонисинфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим**” номгузорӣ гардида, таъкид гардидааст, ки дар ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ пеш аз ҳама ба тарз ва муносибати байниҳамдигарии хонандагон ба волидону омӯзгорон ва фаъолияти раванди таълим вобаста мебошад. Маҳз дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ҷаҳонфаҳмии кӯдакон ташаккул ва рушд менамояд. Шартҳои асосии ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ пеш аз ҳама, ба тарз ва муносибати байниҳамдигарии хонанда ба волидону омӯзгорон ва фаъолияти раванди таълим вобаста мебошад. Зеро дар рушду камоли хусусиятҳои ҷисмонӣ, психологӣ, ҷаҳонфаҳмӣ ва маънавии кӯдакони синни аввали мактабӣ саҳми волидайн ва омӯзгорон хеле калон аст. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар рафти муоширати байниҳамдигарӣ бо волидону омӯзгорон ва сурат гирифтани хондани китоб соҳиби донишу маҳорат ва малакаҳои кори раванди таълимӣ мегарданд. Агар дар ин давраи синни аввали мактабӣ раванди таълим ба таври ҷиддӣ сурат нагирад, дар ин ҳолат кӯдакон аз ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ қафо мемонанд.

Бинобар ин, муассисаи таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои кори худ метавонад шароити муҳимро ба хонандагон фароҳам орад ва бо омодагии дуруст ба кори таълиму тарбия заминаи зеҳнию эмотсионалии ҷаҳонбинии илмиро бунёд намуда, хонандагонро бо маводи зарурӣ таъмин намояд. Яке аз ҳадафҳои пешбарандаи таълим ҳамеша

ташаккули ҷаҳонфаҳмии илмии насли наврас боқӣ мемонад. Гузаронидани чунин таҳқиқот метавонад ба заминаи ҷиддии назариявӣ ва таҷрибавии илмӣ асос ёбад, ки онро намояндагони илмҳои гуногун ба вуҷуд овардаанд.

Фасли сеюми боби аввал “**Моделҳои муосири инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон дар раванди таълим**” номгузорӣ шуда, таъкид гардидааст, ки дар илми педагогика моделҳо, навъҳои ба хонандагон ташаккул додани тарбияи ақлӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, ҷаҳонфаҳмӣ ва ғайра, ки дар раванди таълим ва умури тарбия ба вуқӯъ мепайвандад, ташаккул меёбанд. Ҳадафи раванди таҳқиқшаванда моделҳои муосири ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии кӯдакон дар раванди таълим мебоша. Таълими интерактивӣ, ки тавассути шаклҳои гурӯҳии ташкили фаъолияти хонандагон амалӣ мешавад, ба ташаккули субъективии хонандагони хурдсол дар ҳамкорӣ бо муҳити атроф дар раванди таълим ҷиҳати ташаккули ҷаҳонфаҳмии онҳо мусоидат мекунад. Машғулиятҳо дар заминаи интегратсионӣ ба татбиқи принсипи интегратсионии раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд.

Дар рисолаи илмӣ яке аз усулҳои тадқиқоти педагогӣ, ки имкон медиҳад муносибати байни ҷузъҳои ҷаҳонфаҳмӣ ва механизмҳои ташаккули онро аз нуқтаи назари бархӯрдҳои гуногуни илмӣ баррасӣ кунад, модел таҳлил шудааст. Барои асоснок кардани раванди таҳқиқ бо хусусиятҳои муайяншудаи раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол “Модели мантиқӣ-маъноӣ ва алоқамандии компонентҳои раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандаи синфи ибтидои дар раванди таълим” (саҳ.72) таҳия шудаст. Модел ба хонанда имкон медиҳад, ки дар раванди таълим қобилиятҳои маърифатӣ, ҳавасмандӣ ва ғайраро ба қадри имкон ба назар гирад, зеро арзёбии натиҷаи ташаккули ҷаҳонбинии шахс дастгирии донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ оид ба таҷрибаи зиндагии ӯ мебошад.

Боби дуюми диссертатсия “**Омилҳои асосии инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба воситаи эҷодиёти шифоҳии халқ дар раванди таълим**” унвон гирифта, аз се фасл иборат мебошад.

Фасли аввали боби дуюм “**Низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар муҳити таълим”** номгузорӣ шуда, таъкид гардидааст, ки дар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, масъулияти якҷояи оила, мактаб, муҳит ва ҷамъият зарур мебошад.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба дониш ва фаҳму дарки предмету

ашёҳои олами иҳотакарашуда вобаста мебошад. Дар мактаб омӯзгорон аз жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ истифода намуда, доираи дониш ва тасаввуроти кӯдаконро доир ба ҳодиса, воқеаҳо ва ашёҳои табиат зиёд мекунанд, қобилияти мушоҳидакорӣ ва шавқу ҳаваси омӯзонидани онҳоро тараққӣ медиҳад. Кӯдакон дар вақти истифодаи зарбулмасалҳо, чистонҳо, суруду таронаҳо, афсонаҳо, тезгӯякҳо ба сифату хусусияти предмету ҳодисаҳои табиат ва гирду атрофи он шинос мешаванд, бойгариҳои маънавии халқи худро аз худ менамоянд. Дар ин раванд муассисаи таълимӣ нақши калидӣ дорад, зеро дар синни хурди мактабӣ барои аз худ кардани асосҳои илм ва ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ ба хонанда зарур аст, ки миқдори зиёди донишҳоро аз худ намояд. Маҳз аз худ кардани бошууронаи доираҳои ибтидоии илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ-эстетикӣ, мафҳумҳои меҳнат ва ахлоқӣ роҳи асосии ташаккули асосҳои ҷаҳонфаҳмӣ дар мактаббачагони хурдсол мебошад.

Фасли дуюми боби дуюм, ки "**Асосҳои таълим ва ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ**" номгузорӣ гардидааст, воситаҳои муҳимми таълиму тарбия ва инкишоф додани ҷаҳонфаҳмии кӯдакон тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ таҳлил шудааст.

Муҳаққиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки ҷаҳонбинии хонандагони синни хурди мактабиро тавассути эҷодиёти шифоҳӣ, ки дар китобҳои забони модарӣ оварда шудаанд, тасаввуроту фаҳмиш, маълумот ва ғояҳои ҷаҳонбиниро ташаккул диҳад. Дар асоси таҳлилҳо ба хулосае омадааст, ки дар нақшаҳои тақвимии маъмулии омӯзгорони мактабҳои миёна ғайр аз мақсади маърифатӣ мақсадҳои тарбиявӣ ҳам муайян мешавад, вале мақсадҳои тарбиявии онҳо на ҳама вақт ба хусусиятҳои ҷаҳонбинидоштаи мазмуни таълим мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, кӯшиш намудааст, ки дар муассисаҳои таълимӣ доираи дониш ва тасаввуроти хонандагони синни хурди мактабиро доир ба ҳодиса, воқеаҳо ва ашёҳои табиат ба воситаи жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ ташаккул дода, мушоҳидакорӣ ва шавқу ҳаваси онҳоро зиёд намояд. Дар ин маврид, шеъру чистон, зарбулмасалу мақол ва қиссаву афсона дар рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муҳим ва пурарзиш мебошанд. Барои намуна, нақшаи тавзеҳотӣ аз фанни хониши бадеиро дар муассисаҳои пойгоҳӣ баргузор ва дар рисола пешниҳод намудаст. (саҳ.101-106)

Фасли сеюми боби дуюм "**Таснифоти манобеи эҷодиёти шифоҳии халқӣ дар самти ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ**" ном гирифта, таъкид мегардад, ки адабиёти шифоҳии халқӣ ба монанди сурудҳову таронаҳо, қиссаҳову афсонаҳо, зарбулмасалу чистонҳо ва ғайра аввалин манбаи рушду дарки ҷаҳонфаҳмии кӯдакон

мебошанд. Омӯзиши жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳии халқ ҳамчун китоби дарсии ҳаёт ба шумор рафта, ба ҳаёт ва рӯзгору фаъолияти инсон сару кор дорад ва ҷаҳонфаҳмӣ, донишу хирад ва маърифату тафаккури инсонро такмил медиҳад.

Дар ин зерфасл унвонҷӯ Норова Зарина китобҳои "Забони модарӣ"-и синфҳои 1-4-ро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки дар баробари осори бачагонаи адибони классику муосир панду андарзҳо, суруду чистонҳо ва афсонаҳои осори адабиёти шифоҳии бачагона низ ҷой дода шудаанд, ки хонандагон тавассути онҳо ба санъати бадеӣ ва халқӣ ошноӣ пайдо менамоянд. Дар ҷадвалҳои 3.4-3.9 истифодаи эҷодиёти шифоҳӣ – тезгӯяк, чистон, зарбулмасал, афсонаро дар китобҳои мазкур мавриди омӯзиш қарор додааст, зеро бо истифода аз ин асарҳо хонандагон ҳам забони тоҷикиро меомӯзанд ва ҳам аз неруи тарбиявии эҷодиёти шифоҳӣ - ҳодисаю воқеаҳои ҳаёти иҷтимоии халқ, таърихи гузашта ва зисту зиндагии мардум ва ҳодисаҳои табиат нисбатан иттилоъ гирифта, баҳраманд мегарданд.

Аз нуқтаи назари унвонҷӯ таҳқиқоти зикргардида бо истифодаи манобеи эҷодиёти шифоҳӣ дар инкишоф ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синни хурди мактабӣ заминаи ибтидоӣ буда, ба тафаккур ва таассуроти хонандагон таъсир расонида, таваҷҷуҳи онҳоро ба ҳодисаҳои мусбати ҳаёт бедор ва ба муборизаҳову талошҳои рӯзгор омада менамояд.

Дар фарҷоми рисола хулосаи умумӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо оварда шудааст. Муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ба табъ расонидаи унвоҷӯ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи "Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

### 7. Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Агар унвонҷӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамкории

оиларо бо муассисаи таълимӣ васеътар мавриди таҳқиқ қарор медод, натиҷаҳои таҳқиқот боз самараноктар мешуд.

2. Мебоист, муқоисаи натиҷагирӣ аз санҷиши озмоишии боби дуюми рисола дар автореферат васеътар бо истифода аз барномаи таҳқиқотии унвонҷӯ бо нишон додани тафовути гурӯҳҳои озмоишӣ арзёбӣ мешуд. Ҳарчанд ки ақида ва натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф дар фишурдаи кор комил ва фаҳмову дастрасанд.

3. Бисёр хуб мебуд агар аз ҷониби муаллиф истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар синфҳои ибтидоӣ бештар мавриди назар қарор меёфт. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар мекард.

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи "Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ" дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Хулоса, диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи "Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ" кори ба итмом расидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

## 8.Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Умуман, рисолаи илмӣ дар мавзуи "Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи

намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Норова Зарина Исломовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Иматзода Лутфия Маҳмадулло**

**03.12.2024 с.**

Маълумот барои тамос:
734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Адҳамов 11/2, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Телефон: 227 62 46, 555333121.

Имзои Л.Иматзодаро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадр ва коргузорӣ
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М.Абдуллозода

ШУЪБАИ КАДРҲО